# ТАҚРИЗИ

мушовири илмӣ ба диссертатсияи Назаров Аҳтам Пулотович дар мавзӯи “АСОСҲОИ МЕТОДИИ БАРНОМАСОЗӢ ВА АРЗЁБИИ САЛОҲИЯТИ ХОНАНДАГОН АЗ МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мақсади асосии тадқиқоти илмии унвонҷӯй Назаров А.П. эҷоди методи нави гузаронидани корҳои мустақилона ва корҳои контролӣ аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва арзёбии салоҳиятҳои фаннию мавзӯъӣ мебошад. Асосҳои методии гузаронидани корҳои мустақилона ва корҳои контролӣ аз ин фанҳо воситаи инкишофи маҳорату малака ва мустақилияти хонандагон буда, ба ташаккули малакаю маҳорат ва салоҳияти хонандагон мусоидат менамоянд.

Асри XXI асри технологияи информатсионию компютерӣ буда, табаддулотҳо ва навгониҳои зиёдеро дар раванди таълими фанҳои математика ва информатика пеш мегузоранд. Зинаи кунунии табаддулотҳои дар МТМУ баамалоянда масъалаҳои сифатан навро доир ба ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва контролӣ ба миён мегузорад. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз онҳо васеъ истифода бурда тавонанд. Инро ба асос гирифта, Назаров А.П. дар назди худ мақсади эҷод намудани методи нав ва дар заминаи он сохтани барномаҳои компютерии санҷиши дониши хонандагон аз фанҳои математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо истифода аз онҳо воқеияти санҷиши дониш таъмин карда шуда, сатҳу сифати таълим баланд, меҳнат ва фаъолияти касбии омӯзгори фаннӣ сабук, арзёбии салоҳиятҳои фаннӣ дар сатҳи баланд таъмин карда мешаванд, гузоштаст.

Таҳлили адабиётҳои методӣ ва илмӣ, тадқиқотҳои монографӣ ва рисолаҳои диссертатсионӣ собит мекунанд, ки масъалаи асосноккунии ба таври воқеъбинона гузаронидани корҳои санҷишӣ оид ба санҷиши дониши хонандагон ва арзёбии салоҳиятҳо аз математика ва информатика, ки воситаи инкишофи маҳорату малакаи хонандагон ва баландбардории сифати таълим бошанд, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтаанд ва мушкилиҳои зиёде дар ин самт мавҷуданд.

Унвонҷӯй Назаров А.П. дар рисолаи доктории худ методеро эҷод намудаст, ки бо истифода аз он барномаҳои компютерӣ дар забонҳои барномасозӣ сохта мешаванд. Барномаҳои бо ин метод сохташаванда аз барномаҳои компютерии мавҷуда ба куллӣ фарқ карда, аз ягон пойгоҳи додаҳо вобаста нестанд. Микдори вариантҳои кори мустақилона ё кори контролӣ дар онҳо беохир буда, параметрҳои супоришҳо пешакӣ маълум нестанд. Хонандагон ҳангоми иҷрои супоришҳо роҳи ҳал ва ҷавобҳоро аз ҳамдигар рӯйбардор карда наметавонанд. Фаъолият ва меҳнати омӯзгор дар раванди гузаронидани он корҳо аз математика ва информатика хеле сабук

гардидааст. Ба омӯзгорони фаннӣ ва хонандагон ягон мушкилиро пеш намеоранд.

Унвонҷӯй дар муқаддимаи диссертатсия ба таври боварибахш мақсади гузоштаи худро асоснок намуда, маводи методологии тадқиқот: мубрамияти кори тадқиқотӣ, объект, предмет, фарзия, даврахо, методология ва методҳои тадқиқ, масъалаҳои мушаххас гузошта шудаанд, дар раванди иҷрои кори тадқиқотӣ ҳалли худро ёфтаанд. Раванди бадастории натиҷаҳои тадқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бе шубҳа аҳамияти назариявию амалӣ дошта, манфиати худро мувофиқ ба талаботи дараҷаи муосири илмӣ дорад. Аҳамияти иҷтимоии масъалаи дар диссертатсия омӯхташуда ва мавҷудияти шароитҳо барои ҳалли он, аз ҷумла техникӣ, мақсаднокӣ ва замонавӣ будани тадқиқотро тасдиқ мекунад.

Сохтори диссертатсия мантиқан дуруст, сода ва мақсаднок буда, бо ҷойгиркунии дуруст ва пайдарҳамию системанокии мантиқан бо ҳам вобаста буда ба итмом расонидашуда мебошад. Унвонҷӯй дар доираи рисолаи диссертатсионии худ 62 интишороташро ба нашр расонидаст, ки аз онҳо дутояшро монографияи илмӣ, яктоашро китоби дарсӣ ва 24-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида мебошанд ва баҳои мусбат гирифтаанд. Ду мақолаи унвонҷӯй дар маҷаллаҳои бунуфузи тақризшавандаи Федератсияи Россия аз чоп баромадаанд. Соҳиби 9 шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаҳои компютерӣ мебошад. Тасдиқоти нуктаҳои илмии тадқиқотро натиҷаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсияю интишороташ буда, методологияи тамоюли системавӣ, консепсияи илмии психологию педагогӣ ва методӣ ва такя ба методҳои назариявию таҷрибавӣ, тасдиқи фарзияи тадқиқот, ҳамгироии методҳои комплексӣ, ки ба масъалаҳои ҳар давраи тадқиқот ҳамбастагӣ доранд, таҷрибаи унвонҷӯйи илмиро ба сифати омӯзгори мактаби миёна ва олӣ ташкил медиҳанд.

Аз натиҷаҳои диссертатсия, интишороташ ва иштирокаш дар конференсияҳои илмию методии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дида мешаванд, ки унвонҷӯйи илмӣ Назаров А.П. ҳангоми гузаронидани тадқиқот беҳад мустақилӣ зоҳир намудааст ва худро ҳамчун мутахассиси кордон, ки назария ва методикаи раванди таҳсилотро дар мактабҳои миёна ва олӣ медонад, нишон додааст. Ӯ мутахассиси боинтизом, донишманд, мақсаднок ва қобилиятнок мебошад. Бинобар ин рисолаи диссертатсионии унвонҷӯйи дараҷаи илмии доктори илм Назаров А.П. дар худ навоварии аслӣ, тадқиқоти мустақили илмӣ мебошад, ки дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ иҷро гардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ аҳамияти махсус дорад. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ ба асосноккунии методи нави гузаронидани корҳои мустақилона ва контролӣ дар МТМУ аз математика ва

информатика равона гардида, мақсаднокии истифодаи онҳоро дар амалияи омӯзгорони ин фанҳо нишон медиҳанд.

Мешуморам, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шуда, ба охир расонида шудааст. Кори диссертатсионии Назаров Аҳтам Пулотович дар мавзӯи “Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” мустақилона ба итмом расида буда, ба ҳама талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика ва информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

Узви вобастаи Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими математикаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мансур Нугмонов

09 июни соли 2021.

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳисор, 32, у. 20.
Тел: 93-864-76-29.
Email: nugmonov@mail.ru

Имзои Нугмонов М. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С. Айнӣ Д.Қ. Назаров